Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз 26 июли соли 2014, № 1084

**Моддаи 81. Ҳайати судҳои шаҳр ва ноҳия**

1. Судҳои шаҳр ва ноҳия аз раиси суд, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат мебошанд. Дар судҳои шаҳр ва ноҳия, ки дар онҳо панҷ нафар ва ё зиёда судя фаъолият менамоянд, вазифаи муовини раиси суд, ҳафт нафар ва ё зиёда судя бошанд, инчунин вазифаи муовини якуми раиси суд муқаррар карда мешаванд.

2. Раис, муовини якум, муовин ва судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳияро бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад.

3. Шумораи судяҳоро барои судҳои шаҳр ва ноҳия бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 82. Салоҳияти судҳои шаҳр ва ноҳия**

1. Судҳои шаҳр ва ноҳия парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дархост ва пешниҳодҳоро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти онҳо вобаста карда шудаанд, баррасӣ мекунанд ва иҷрои санадҳои судии қабулгардидаро мутобиқи қонунунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат менамоянд.

2. Судҳои шаҳр ва ноҳия дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда оид ба парвандаи баррасишаванда ҳуқуқ доранд ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.